**АКАДЕМИЯИ ИЛМҲОИ КИШОВАРЗИИ ТОҶИКИСТОН**
**ИНСТИТУТИ БОҒУ ТОКПАРВАРӢ ВА САБЗАВОТКОРӢ**

# ТАВСИЯНОМА

## *“Интихоби ниҳолҳои дарахтони мевадиҳандаю ангур вобаста ба иқлими маҳал мутобиқ, бунёди ниҳолхонаҳо ва парвариши онҳо пас аз шинонидан”*



*Душанбе, 2024*

*Муаллифон:* ***Камолов Н., н.и.к.***-*ходими пешбари илмии шуъбаи мевапарварӣ ва буттамевагиҳо, н.и.к.*

***Фозилов Ҷ.Д.***-*мудири шуъбаи технологияи инноватсионии ниҳолпарварӣ.*

*Муҳаррири техникӣ:* ***Шарипов Ш.И. -*** *ходими калони илмии Институти боғу токпарварӣ ва сабзавоткории АИКТ*

*Бо қарори Шӯрои методию таълимии Институти боғу токпарварӣ ва сабзавоткории Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон, протоколи №4 аз 28.10.2024 сол ба чоп тавсия гардидааст.*

*Тавсияномаи мазкур дар асоси Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №374 аз 29 июни соли 2024 дар бораи "Барномаи давлатии кабудизоркунии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040" таҳия гардидааст.*

*Дар тавсияномаи мазкур оид ба интихоби ниҳолҳои дарахтони мевадиҳанда вобаста ба иқлими маҳал мутобиқ, бунёди ниҳолхонаҳо ва парвариши онҳо пас аз шинонидан маълумот оварда шудааст. Барои кормандони соҳа, ниҳолпарварон, боғпарварон ва хоҷагиҳои деҳқонӣ пешбинӣ мегардад.*

***Институти боғу токпарварӣ***
***ва сабзавоткории АИКТ, 2024***

# Сарсухан

Боғу токпарварӣ яке аз соҳаҳои асосии кишоварзии ҷумҳурӣ буда дар таъмини амнияти озукаворнии мамлакат ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум дар байни дигар соҳаҳои кишоварзӣ ҷойи намоёнро ишғол мекунад. Чунки ниҳолҳои солим ва хушсифат асоси ояндаи боғдорист. Аз ин руй дастури мазкур барои деҳкононе пешниҳод карда мешавад, ки шавқу ҳаваси боғу токпарвариро доранд ва меҳоҳанд то қадри имкон ба рушди ин соҳа ҳиссагузор бошанд. Инчунин сатҳи зиндагии худро аз ҳисоби ин соҳаи аз ҷиҳати иктисодӣ самаранок баланд бардоранд.

Дар асоси дастовардҳои илмӣ ва санҷиши истеҳсолии дарахтони мевадиҳандаю ангур, бо дар назардошти чорчӯбаи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №374 аз 29 июни соли 2024 дар бораи “Барномаи давлатии кабудизоркунии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 20240”, дар минтақаҳои ҷумҳурӣ вобаста аз шароити табииашон парвариши дарахтони мевадиҳанда ва ангур таҳия гардида, ба деҳқонону кишоварзон ва ниҳолпарварон пешниҳод карда мешавад.

Дар шароити имрӯза инсоният дар хавотир аст, ки оё захираи замин дар ояндаи наздик талаботи онро бо маҳсулоти кишоварзӣ таъмин карда метавонад ё не. Мувофиқи ҳисоби экспертҳо ва як қатор олимон дар садсолаи охир наздик ба 2 миллиард гектар замин тахминан аз ҳафт як ҳиссаи хушкӣ дар натиҷаи таназзулёбӣ аз истифодаи кишоварзӣ баромадааст. Ба ҳисоби миёна ҳар сол башарият тақрибан 6-7 миллион гектар заминро талаф медиҳанд. Тахминан дар ҷаҳон 6-7 млрд тонна хок дар натиҷаи таназули обию бодӣ нобуд мешаванд.

Бунёди ҷангалзору боғоти дарахтони мевадиҳанда аз ҷиҳати илман асоснок дар нишебзаминҳо, заминҳои лалмии бо намии табии таъмин, як роҳи пешгирии осебпазирии хок мебошад.

## Дарахтони мевадиҳанда ҳамчун муҳофизаткунандаи хок ва кабудизоркунанда

Дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёд аз 30 ҷинси дарахтони мевадиҳанда ва буттамевагиҳо парвариш карда мешавад, ки аз он 13 ҷинсаш аҳамияти саноатӣ дорад ва бештар парвариш карда мешавад. Онҳоро аз рӯи аломатҳои ботаникӣ ва сохти меваашон ба 5 гурӯҳ ҷудо мекунанд: тухмдорон-себ, нок, биҳӣ; донакдорон: зардолу, олу, гелос, олуболу, шафтолу; баттамевагиҳо: қот, тамашк, бекитошӣ, қулфинай, хулул, чормағзиҳо: чормағз, бодом, писта, пекан, фундук; субтропикӣ: анор, анҷир, хурмо, уноб, лимӯ ва ғайра.

Аз рӯи хусусиятҳои биологию морфологиашон онҳоро ба гуруҳҳои зерин: дарахт, дарахту бутта, бутта, нимбутта, растаниҳои алафии бисёрсола ва растаниҳои печон лиана ҷудо мекунанд, ки ҳамаи онҳо аз ду қисм - қисми зеризаминӣ ва рӯизаминӣ иборатанд.

Барои пешгирии таназули хок (кабудизоркунӣ) бештар қисми зеризаминии онҳо (реша) аҳамияти аввалиндараҷа дорад. Реша як системаи маҷмӯи дар дарахтон мебошад, вобаста аз ҷинс ва хусусиятҳои биологии онҳо ва тарзи пайдоишаш гуногун буда, дар хок ба ҳар



**Расми 1. Сохти реша (а-тирреша, б-решаи нашвӣ, в-решаи растанихои буттагӣ)** тараф паҳн мешаванд.

Сохти аз тухми пайдошудаи решаи дарахтон, дарахтони бутта ва қисман буттаҳо тирреша буда ба решаҳои амудӣ ва

уфуқии тартиби 1, 2, 3 ва ғайра чудо мешаванд. Тирреша ва қисми решаҳои уфуқӣ дарахтони себ, нок, гелос, чормағз то 6-10м; олу, олу-болу, шафтолу то 3-6 м ва буттамеваҳо то 1-2 м вобаста аз таркиб ва типпи хок чуқур мераванд. Қисми дигари он решаҳои паҳлугӣ бо таври уфуқӣ то радиуси 10-12 м дар чуқуриҳои гуногун паҳн мешаванд. Қутри системаи реша нисбати шохсор 1,5-2 маротиба зиёд аст.

Решаҳои аз узвҳои нашви пайдошуда ва решаи буттаю нимбуттаҳо тирреша надошта, бо таври горизонталӣ дар хок то чуқурии 1-2,5 м мераванд. Бояд қайд кард, ки қисми асосии решаҳо дар чуқурии 0,6-1 м ҷойгиранд. Вазифаи аввалиндараҷаи реша агар аз хок дастрас кардани об ва ғизо дар шакли элементҳои химиявӣ бошад, вазифаи дигараш ин устувор нигоҳ доштани қисми рӯизаминии дарахтон мебошад.

Ана ҳамин системаи решаи дарахтон бо қисмҳои алоҳидаи худ дар майдони ғизогириаш (паҳншавиаш) хокро иҳота карда то андозае таназулёбии онро пешгирӣ мекунад.

Қисми рӯи заминии дарахтон суръати ҳаракати бодро суст карда таъсири эрозияи бодиро паст мегардонад.

## Дар заминҳои лалмии бо намии табии таъмини минтақаҳои доманакуҳӣ ва кӯҳи бунёди боғҳо аз ҳисоби дарахтони мевадиҳанда

Шароити хоку иқлими Тоҷикистон, ки релефаш мураккаб ва 93 %-и майдонаш кӯҳистон аст аз ҷиҳати илмӣ ба шаш минтақа барои боғдорӣ ҷудо карда шудааст. Вобаста ба минтақаҳо ҷинс ва навъҳои алоҳида минтақабоб гардонида шудааст.

Минтақаи Рашту Бадахшон ва қисман Ҳисор (ноҳияи Файзобод) барои парвариши себу нок, олу-болу, гелос, олу, чормағз хусусан навъҳои тирамоҳию зимистонаи себу нок мувофиқ аст.

Азбаски дар заминҳои лалмии ин минтақа раванди таъсири омилҳои осебпазири хок бисёранд, бунёди боғҳо аз

навъҳои ноҳиябанди гардида, ки ниҳолашон дар тагпайванди аз тухми рӯёнидашуда пайванд карда шуда, манфиатноктар аст. Чунки аз як тараф системаи решаи пурқувват то андозае метавонад таназулёбии хокро пешгирӣ кунад, аз тарафи дигар дар давраи норасоии нами дар хок аз чуқуриҳои гуногун обро ҷабида барои гузоштани раванди фотосинтез, сабзиши дарахтон онро ба қисми рӯизаминии баргу навдаҳо медиҳад.

Дар заминҳои лалмии минтақа навъҳои минтақабоб гардидаи себ: «Апорт Александр», «Голден делишес», «Джонатан», «Делишес», «Золотой грайма», «Пармен зимний золотой», «Ренет симиренко», «Розмарин белий», «Корей», «Стар кримсон»; нок: «Бере лигия», «Бере боск», «Вилямс», «Дилрабо», «Лесная красавица», «Любимица клаппа», «Ноки ғармӣ»; олу: «Анна шпет», «Венгерка Ажанская», «Персиковая», «Коксултан»; Олу болу ва чормағзи маҳаллӣ дар решаҳо аз тухми парвариш шуда тавсия карда мешавад. Инчунин то 15-20 % навъҳои дурнаморо , ки дар ниҳолҳои хасакӣ аз тухми руёнида шуда пайванд шуданд, шинонидан ба манфиати кор аст.

## Нақшаи бунёди боғ вобаста аз релефи маҳал

Вобаста аз релефи маҳал ва ҷинси дарахтони мевадиҳанда ва сохти боғ нақшаи шинондани ниҳолҳо гуногун аст. Дар шароити Тоҷикистон чор сохти бунёди боғҳо маъмул аст: росткунҷа (Расми 2), чоркунҷа (Расми 3), шоҳмотӣ (Расми 4) ва ангорӣ (Расми 5). Дар заминҳои ҳамвори нишебиашон то 10-12$^0$ бештар боғҳоро бо сохти росткунҷа ва чоркунҷа бунёд мекунанд.

Сохти шоҳмотиро нисбатан камтар истифода мебаранд.




**Расми 2. Шоҳмотӣ**




**Расми 3. Росткунҷа**




**Расми 4. Чоркунҷа**



**Расми 5. Ангорӣ**

**Расмҳои 2,3,4,5. Нақшаи ҷойгиркунии ниҳолҳо дар боғ**

Дар заминҳои нишебиашон аз 12 то $25^0$ вобаста аз релеф бештар боғро бо сохти ангорӣ бунёд мекунанд.

Ҳангоми ба нақшагирии бунёд боғ масъалаи пешгирии таназулёбии хок дар мадди аввал меистад. Бинобар ҳамин дар нишебзаминҳои нишебиашон калон, ки аз омилҳои таназулкунанда хусусан обию боди осеб мебинан, бунёди боғ бо сохтори шоҳмотӣ ва ангорӣ манфиатноктар аст.

Дар сохтори шоҳмотӣ решаи дарахтон майдонро бо пурраги иҳота мекунанд ва хокро хубтар нигоҳ медоранд. Дар заминҳои нишебиашон калон ва релефи ноҳамвор дошта (талу теппаҳо) бо таври ангорӣ бо воситаи механизмҳои пуриқтидор

зинаҳо сохта мешаванд. Бари зинаҳо барои шинонидани як ё ду қатор ниҳол вобаста аз нишебии замин интихоб мегардад.

Зинаҳоро бо ду восита: бо як чанд маротиба дар як хати уфуқӣ бо пулуг хокро чаппа кардан ва воситаи булдозерҳои гуногунтамға, махсусан С-100, бо хароҷоти зиёд месозанд. Дар шароити имруза, ки имконияти истифодаи техникӣ кам аст, тавсия карда мешавад, ки барои ҳар як ниҳол суфачаҳои андозаашон 1-1,5 х 1 м вобаста аз нишебии замин дастӣ сохта шавад.

**Нақшаи ҷойгиркунии ниҳолҳои дар решаи аз тухми пайвандшуда вобаста аз ҷинси дарахтон ва нишебии замин барои себу нок, зардолу- 8х8, 8х7, 8х6, 7х7, 7х6 м;барои олу, олу-болу, гелос 6х6, 6х5, 6х4, 5х5, 5х4, барои чормағз 12х10, 10х8 м тавсия мегардад.**

## Омода кардани замин ва шинонидани ниҳол

Дар заминҳои лалмӣ бо намии табии таъмин ва заминҳои обӣ барои шинонидани ниҳол корҳои зеринро иҷро кардан зарур аст.

Дар заминҳои ҳамворӣ нишебиашон то 8-12: аввал тоза кардани замин аз ҳама ашёҳои нолозима: санг, буттаҳо, ҳамвор кардани теппачаҳои хурд, пур кардани чуқуриҳо, ғорчаҳо, ба замин пошидани нуриҳои органикӣ вобаста аз ҳосилнокии хок бо миқдори 20-40 тонна, нуриҳои маъданӣ 150-200 кг фосфор ва 80-100 кг калий, гузаронидани шудгори дар чуқури 60-80 см, агар имконият набошад дар чуқурии 35-40 см бо пулугҳои муқарарӣ;

Пас аз шудгор молаву ҳамвор кардан. Вобаста аз сохтори боғ ва нақшаи интихоб карда шуда, муайян намудани нуқтаҳои ниҳолшинонӣ (разбивка).

Кандани чуқуриҳои андозаашон 50х60, 50х70, 60х60, 60х70 см. Ҳаҷми чуқуричаҳо вобаста аз тип ва таркиби хок мебошад. Дар хокҳои сахту сангдор калон кандани чуқуриҳо ба манфиати кор аст. Агар пеш аз шудгор ба замин поруи

органикӣ ва нуриҳои маъданӣ пошида нашуда бошад, ба хоки ҳар чуқурӣ омехта кардани 10-15 кг пору, 0,5-1,0 кг фосфор ва 0,2-0,5 кг калий зарур аст.

Дар заминҳои вобаста ба нишебиашон имконияти шудгор кардан набуда, пас аз тоза кардан нуқтаҳои ниҳолшиониро муайян карда, суффачаҳо ва дар суффачаҳо чуқуричаҳои ниҳолшиониро канда тайёр мекунанд. Ҳатман ба хоки чуқуричаҳо бо меъёри дар боло нишондода шуда поруи пусида, фосфору калий омехта мекунанд. Дар заминҳои лалмӣ вобаста аз шароити маҳал шинонидани ниҳолҳо дар охири тирамоҳ ва аввали зимистон беҳтар аст. Дар заминҳои доманакуҳию кӯҳӣ пас аз об шудани барф дар муддати кутоҳ шинондан зарур аст, то ки ниҳол аз боронҳои минбаъда пурратар истифода барад.

Пеш аз шинонидан, ниҳолҳоро аз назар гузаронида решаҳои касал ва пӯсидаро аз ҷойи сабзи реша бурида мепартоянд. Онро дар муддати 2 соат дар лойқаи аз хоку порӯ тайёр карда шуда нигоҳ медоранд. Пас аз ин ниҳолро ду нафар дар чуқуракҳо мешинонад. Агар решаи ниҳол кӯтоҳ бошад, аввал дар байни чуқури хоки серғизоро партофта тепача кардан лозим аст. Як нафар ниҳолро рост ба таври амудӣ аз сатҳи хок 3-5 см боло ҷойи пайвандро қапида шахси дуюм аввал хоки серғизоро ва пас хоки камғизоро ба атрофи реша мепартоянд. Баъди пурра хокро партофтан бо як даст ниҳолро қапида, хоки атрофи ниҳолро шиба карда дар шакли ҳалқа атрофи ниҳолро ҳавзача мекунанд. Но вобаста аз намнокии хок ба бехи ҳар ниҳол 15-20 л об рехтан ба манфиати кор аст.

Пас аз шинондани ниҳолҳо дар баландии 60-70 см аз ҷойи пайванд қисми болоии ниҳолро бурида мепартоянд. Аз танаи ниҳол 10см дуртар мехчӯба 100-120 см шинонида, ниҳолро бо ресмон дар шакли рақами 8 ба он мебанданд.

## Нигоҳубини боғҳои ҷавон

Нигоҳубини боғҳои ҷавон дар ҳама гуна шароит пас аз шинондани ниҳол оғоз мегардад. Пас аз шинондан дар фасли баҳор, сабзиши ниҳолҳо сар мешавад. Ҳангоми сар шудани сабзиши муғҷаҳо вобаста аз шакли ба нақша гирифта шуда шаклдиҳиро сар мекунанд. Агар шакли косса ба нақша гирифта шуда бошад муғҷаи болои ва ду муҷғаи кунҷи аз $45^0$ зиёд доштаро гузошта дигар муғҷаҳои сабзидаро чида мепартоянд. Дар соли 2-ум дар баландии 20-30 см боз ду муғҷаи ба тарафҳои холӣ ҷойгир шударо мегузоранд, дигар муғҷаҳо ва навдаи мобайниро бурида мегиранд, ки дар маҷмӯ чоршохи ба чор тараф нигарон пайдо мешавад. Солҳои минбаъда дар ин шоххо шохчаҳо ва навдаҳои ҳосилдеҳ гузошта мешавад.

Дар мавриди шохсори қабат - қабати сирак ё шохсори бе қабат соли аввал муғҷаи сабзидаи болоӣ ва се муғҷаи дар тарафҳо ҷойгиршударо мегузоранд ва дигар муғҷаҳои сабзидаро чида мепартоянд. Дар соли дуюм боз 2-муғҷаи ба тарафҳо равоншударо бо муғҷаи болои дар баланиии 40-50 см аз қабати якум гузошта дигар муғҷаи аз тана сабзидаро бурида мепартоянд. Солҳои минбаъда як ё ду муғҷаи сабзидаро гузошта дигарҳояшро бурида мегиранд. Ҳамин тавр дар мӯҳлати 4-6 соли аввал 7 шохи асосиро пайдо карда дар онҳо шохчаҳои навбатиро бо навдаҳо барои ҳосилбандӣ омода месозанд.

Мақсади асосии шохабурӣ дар боғҳои ҷавон ин шаклдиҳӣ ва ҳарчи тезтар ба ҳосилбандӣ сар кардани дарахтон мебошад. Аз чорабиниҳои агротехникии дигар ин сари вакт гузаронидани шудгори байни қаторҳо дар майдонҳои шудгоршаванда ва дар ҳар китъаҳо нарм кардани атрофи дарахтон, нест кардани алафҳои бегона, ғизодиҳӣ ва намғундорию наминигоҳдорӣ мебошад.

Бинобар ҳамин шудгори байни қаторҳо ва побели чуқури атроф ниҳолҳоро дар охири тирамоҳ, аввали зимистон ё аввали баҳор гузаронидан беҳтар аст. Дар баҳор то аввали тобистон (то нимаи якуми моҳи июн) бо воситаи дискмола, сихмола, чизел хоки байни қаторҳо ва ба воситаи каланд хоки атрофи ниҳолҳоро майдахок мекунанд.

Дар боғҳои ҷавон барои рушду нумӯи ниҳолҳо бо миқдори зарурӣ, дар ҳолати набудани пору 50-60 г фосфор, 20-30 г калий, то аввали баҳор ва 80-100 г нитрогенро дар баҳор додан ба рушди ниҳолҳо мусоидат мекунанд.

## Нигоҳбини боғҳои ҳосилдиҳанда

Дар боғҳои ҳосилдиҳанда гузаронидани чорабиниҳои агротехникӣ ба монанди сари вақт гузаронидани шохабурӣ, шудгори байни қаторҳо дар майдонҳои шудгоршаванда, нарм кардани атрофи дарахтон, намиғундорӣ, намнигоҳдорӣ, нуридиҳӣ ва ҳифзи боғот аз касалию зараррасонҳо ҳатмист.



**Расми 6. Шохабурии дарахтон вобаста аз сину сол**



**Расми 7. Коркарди беҳи дарахтон**

Дар боғҳои ҳосилдиҳанда вазифаи шохабурӣ ин ба танзим даровардани ҳосил, сарфи намбухоркунии хок ва пешгирии касалию зараррасонҳо мебошад, ки мунтазам ҳар сол гузаронида мешавад. Бо мақсади таъминкунии намии табиӣ, беҳтар гардидани структураи хок, баланд шудани қобилияти ҳавогузаронии он аз охири тирамоҳ то аввали зимистон дар чуқурии 25-30 см шудгор кардани байни қаторҳо

побел кардани атрофи дарахтон ва дар баҳору аввали тобистон бо воситаи молаю дискмола, чизел ва каланд майдахок кардани он яке аз шарти асосии боғдории лалмӣ мебошад.

Дар боғҳои лалмӣ чунин меъёри нуриандозӣ аз ҷиҳати илми тавсия карда мешавад. Вобаста аз типи хок 35-40 тонна, поруи пӯсида нури нитрогенӣ 90-120 кг, фосфори 100-120 кг ва калигий 45-60 кг бо моддаи таъсиркунанда. Бояд қайд кард, ки нуриҳои органикӣ, фосфорӣ ва калигиро дар охири тирамоҳ, аввали зимистон ва нуриҳои нитрогениро дар баҳор пеш аз гулшукуфӣ ба замин меандозанд. Дар мавриди норасоии нуриҳои органикӣ дар ду-се сол як бор бо миқдори Р-120, К-60 кг ва ҳар сол андохтани нуриҳои нитрогенӣ кифоя аст.

## Усулҳои намғундорӣ дар боғҳо

Бунёди боғу токзорҳои лалмӣ дар ҳамон минтақае тавсия карда мешавад, ки миқдори боришоти солона (барфу борон) на кам аз 600 мм бошад ва тақсимоти боришот дар фаслҳои сол як таносуби хуб дошта бошад. (Таносуби солонаи миқдори боришоти табиӣ дар минтақаҳои боғдории Ҳисор, Рашту Бадахшон (ноҳияҳои минтақаи Рашт ва Кӯлоб) ҷадвали 1

| № | Минтақа ва ноҳияҳо | Баландӣ аз сатҳи баҳр, м | Ҷамъи боришоти солона, мм | Дар фаслҳои сол. мм | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | Зимистон, мм | Баҳор, мм | Тобистон, мм | Тирамоҳ, мм |
| 1. | **Минтақаи Ҳисор** | | | | | | |
| | Ваҳдат | 866 | 705 | 234 | 367 | 21 | 83 |
| | Файзобод | 1215 | 797 | 242 | 440 | 25 | 90 |
| 2. | **Минтақаи Рашту Бадахшон** | | | | | | |
| | Нуробод | 1258 | 838 | 287 | 382 | 63 | 106 |
| | Рашт | 1316 | 700 | 215 | 340 | 61 | 84 |
| | Лахш | 1600 | 575 | 157 | 295 | 51 | 72 |
| | Сангвор | 1616 | 575 | 287 | 440 | 50 | 116 |

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | (Тавилдара) | | | | | | |
| 3. | **Минтақаи Кӯлоб** | | | | | | |
| | Муъминобод | 1232 | 770 | 268 | 410 | 14 | 78 |
| | Ховалинг | 1468 | 842 | 263 | 440 | 29 | 110 |
| | Ш.Шоҳин (Шӯробод) | 1900 | 548 | 149 | 306 | 33 | 60 |

Маълумотҳои ҷадвал нишон медиҳад, ки миқдори асосии боришот дар давраи зимистону баҳор борида дар давраи тобистону тирамоҳ хело кам аст. Баъзе солҳо аз охирҳои моҳи май то аввали моҳи октябр боришот намешавад.



**Расми 8. Ҷамкунии барф дар атрофи дарахтон**



**Расми 9. Рӯйпӯшкунии хоки атрофи дарахт бо майдакардашудаи растаниҳо**

Бинобар ин норасогии намнокии хок вобаста аз баланди аз сатҳи бахр ва релефи маҳал дар ин минтақа аввалҳои моҳи июлу август дида мешавад. Агар дар қабати ҷойгиршавии қисми асосии решаҳо, чуқурии 60-80 см дар хок намнокии дастрасшавандаи муътадил ва миёна (аз 10 то 22%) барои дарахтон таъмин нагардад, рушду нумӯи онҳо ва гирифтани ҳосили бо сифат имкониятпазир аст. Бинобар ин масъалаи намиғундорӣ ва намнигоҳдорӣ омили асосӣ барои боғдории лалмӣ аст.

***Усулҳои намиғундорӣ инҳоянд:***

- то охири тирамоҳ шудгор кардани байни қаторҳо ва побел кардани атрофи дарахтон;

- шиба кардани барф бо воситаи механизмҳо дар майдонҳои шудгоршаванда ва дар гирди решаи дарахтон бо тарзи ҳалқа кандани чуқуриҳо, онҳоро пур кардани барф, шиба ва хокпӯш кардан;

- бо воситаи ҷуйборчаҳои майда обҳои байни қаторҳоро ҷамъ кардан дар бехи дарахтон.

Масъалаи дигар дар боғдории лалмӣ ин намнигоҳдорӣ мебошад, ки бо усулҳои зерин амалӣ карда мешавад;

- майдахок кардани хоки байни қаторҳо ва атрофи дарахтон бо воситаи дискмола, сихмола, чизел ва белу каланд;

- руйпуш кардани атрофи бехи дарахтон бо алафу коҳи пӯсида, аррамайда, пардаҳои полиэтиленӣ, тол ва дигар маводҳо;

- ҳангоми шохабурӣ кам кардани ҳаҷми шохсор бо мақсади кам бухоршавии об.

## Сатҳи осебрасонии касалию зараррасонҳоро ва паст кардан онҳо

Дар шароити имрӯза ба боғу токзорҳои Тоҷикистон зиёда аз 20 - намуди касалиҳои занбурӯғӣ, бактериявӣ, вирусӣ ва 60 - намуди зараррасонҳои маканда, хоянда, пармкунанда (чубхуракҳою пустхуракҳо) осеб мерасонанд. Дар баъзе мавридҳо аз беаҳамияти намудан ҳосилро ба пуррагӣ ё қисман нест мекунанд. Инчунин қисми зиёди дарахтонро ба хушкшудан оварда мерасонанд.

Қутураки себу нок, гардзании себ, саратони сиёҳ, саратони реша, сузиши бактериявӣ, ситоспороз, мевахураки себ, куяи мева, мурҳо, зариндунболи туркистонӣ, кирми шапалаки ҳалқагузор, асалаки нок, ширинчаи сабз, ширинчаи хунин, сипарболаки калифорнӣ, сипарболаки камоншакл, сипарболаки бунафш, канаи сурх, тортанаккана ва дигарон мисол шуда метавонанд.

Давомнокии давраи инкишофи касалию зараррасонҳо аз шароити маҳал вобаста буда, баъзеашон дар як давраи

нашъунамо 2-3 насл медиҳанд. Роҳи асосии паст кардани сатҳи афзоиш ва осебрасонии онҳо дар маҷмӯъ истифода бурдани чораҳои мубориза: селексионӣ, агротехникӣ, механикӣ, биологӣ ва химиявӣ мебошанд. Бояд қайд кард, ки усули химиявиро дар охир ҳангоми аз меъёр зиёд шудани дараҷаи осебрасонӣ аз заҳрхимикатҳои заҳрнокиашон камтари гуруҳҳои 3 ва 4 истифода бояд кард. Ҳангоми истифодаи усули химиявӣ риоя кардани чунин қоидаҳо бехатарӣ тавсия карда мешавад: мувофиқи дастурамали перепаратҳо (заҳрхимикатҳо) то давраи пухтарасии мева истифода кардани онҳо яъне пӯшидани либос ва пояфзоли махсус, айнак, реперator, пас аз кор дар ҷойи алоҳида шустани дасту рӯй бо собун ва хӯрдани маҳсулоти ширӣ.

## Интихоби навъ ва намуди ниҳолҳои дарахтони мевадиҳандаю ангур вобаста ба иқлими маҳал тобовар

**Вилояти Суғд** - ноҳияҳои водигӣ: аз дарахтони мевадиҳанда - зардолу: «Аҳрорӣ», «Субҳонӣ», «Хурмоӣ», «Нишонӣ» «Серҳосил», «Тоҷибоӣ», «Мирсанҷалӣ», «Хуҷандӣ»; бодом: «Десертный», «Ялтинский».

Шафтолу: «Лола», «Сумбулӣ», «Обилный», «Кемберленд», «Золотой юбилей», «Чемпион», «Фарҳод», «Элберта», «Равғани гов».

Олӯ: «Венгерка ажанская», «Венгерка италянская», «Венгерка фиолетовая», «Анна Шпет» барои хушк намудан; дурагаҳои олую олуча: «Куксултон», «Победа», «Южная красавитса», барои тару тоза ба содирот баровардан.

Анор: «Десертӣ», «Бошкалинӣ» ва «Сурханор», «Казакеанор».

Ангур: «Чиллагӣ», «Ҳисории барвақтӣ», «Зариф», «Тойифии гулобӣ», «Ҳусайнии сафед», «Нимранг», «Султонӣ», навъҳои кишмишӣ- «Кишмиши сиёҳ», «Кишмиши хишрау».

### *Ноҳияҳои доманкӯҳӣ*

Аз дарахтони мевадиҳанда себ: «Стар кримсон», «Делишес», «Голден делишес», «Корей», «Ренет Симиренко»; нок: «Лесная красавитса», «Любимитса Клаппа», «Кюре», «Дилафрӯз», «Дилрабо»;

Водии Зарафшон, ноҳияҳои Панҷакент, Кӯҳистони Мастчоҳ, Айнӣ.

Дарахтони мевадиҳанда - себ: «Стар кримсон», «Голден делишес», «Делишес», «Бойкен», навъҳои зардолуи маҳаллӣ барои хушконидан.

Нок: «Лесная красавитса», Любимитса Клаппа», «Кюре», «Дилрабо»; олӯ барои хушк намудан: «Анна шпет», «Венгерка ажанская», «Венгерка Италянская»; дурагаҳои олую олуча: «Победа», «Южная красавитса», барои тару тоза ба содирот баровардан.

**Вилояти Хатлон -** (водиҳои Вахш, Кофарниҳони поён ва ноҳияҳои водигии минтақаи Кӯлоб), аз дарахтони мевадиҳанда – зардолу: «Аҳрорӣ», «Зарафшонии барвақтӣ», «Хурмоӣ», «Хуҷандӣ», «Серҳосил», «Бодомӣ»; олӯ барои хушк намудан: «Анна Шпет», «Венгерка ажанская», «Венгерка Италянская»; дурагаҳои олую олуча – «Победа», «Южная красавитса»; шафтолу: «Лола», «Сумбулӣ», «Гулдор», «Фарход», «Зарнигор», «Обилний», «Нус-19».

Гелос: «Баҳор», «Дрогана желтая», «Негритянка», «Дайбера черная», «Крупноплодная»; ситрусиҳо – лиму: «Мейер»; бодом: «Десертӣ», «Дрейк», «Никитский поздноцветущий», «Нонпарел», «Ялтинский»; ангур: «Ҳисории барвақтӣ», «Чилагӣ»; анор; «Дессертӣ», «Бошколинӣ», «Сурханор», «Озарбойҷон».

***Ноҳияҳои доманкӯҳӣ (минтақаҳои Кӯлоб)***

Дарахтони мевадиҳанда – себ: «Стар кримсон», «Делишес», «Голден делишес», «Ҷонатан»; нок: «Лесная красавитса», «Любимитса Клаппа», «Кюре», «Ноки Ғармӣ», «Вилямс красный»; чормағз-навъҳои маҳаллӣ; олу: «Венгерка

Италянская», «Венгерка ажанская», «Анна Шпет» (барои тайёр кардани қоқи олӯ). Хулул (хуч): навъҳои маҳалӣ.

**Ноҳияиҳои тобеи ҷумҳур** (водии Ҳисор)

Аз дарахтони мевадиҳанда: дурагаҳои олую олуча: «Победа», «Южная красавитса»; олу: «Венгерка италянская», «Венгерка ажанская», «Анна шпет» барои хушк намудан; гелос: «Баҳор», «Крупноплодная»; хурмо: «Хиакуме», «Зенжиморӯ», себ: «Стар кримсон», нок: «Лесная красавитса», «Любимитса клаппа», «Ласточка», «Вилямс красный», «Раняя из Треву» «Кюре», «Ноки Ғармӣ», «Дилрабо», аз зироатҳои ситрусӣ - лиму: «Мейер»; ангур: «Тойфии гулобӣ», «Ҳусайнии сафед», «Ҳусайнии сиёҳ», «Победа»; чормағз: навъҳои маҳалӣ, «Вистон».

Минтақаҳои Рашт – себ: «Стар кримсон», «Делишес», «Хубонӣ», «Голден делишес», «Джонатон», «Ренет Симиренко»; нок: «Лесная красавитса», «Любимитса Клаппа», «Кюре», «Ноки Ғармӣ», «Дилрабо»; чормағз: «Вистон».

**Вилояти худмухтори Кӯҳистони Бадахшон.**

Ноҳияи Дарвоз: анор, лиму, чормағз,

Дар баландкӯҳҳо себ: «Стар кримсон», «Голден делишес», «Делишес», «Ноки маҳаллӣ».

Ноҳияи Ванҷ, Рӯшон, Шуғнон, Роштқалъа, Ишкошим: зардолу: навъҳои маҳаллӣ, чормағз: навъҳои маҳалӣ.

Себ: «Стар кримсон», «Голден делишес», «Делишес», «Ренет Симиренко», «Синап»; ангат - барои истеҳсоли равған.

Олу: «Персиковая», «Венгерка Ажанская», «Анна шпет».

Дурагаи олую олуча – «Южная красавица»

Олуча - «Куксултон», «Малиновая».

Олуболу - «Гриот остгеймская», «Шпанка черная».

Нок: навъҳои тобистона- «Любимица Клаппа»; тирамоҳӣ: Лесная красавица, зимистона:-«Кюре», «Дилрабо» ва «ноки Ғармӣ».

## БАРОИ ҚАЙДҲО

*Дар Институти боғу токпарварӣ ва сабзавоткории АИКТ ба табъ расидааст.*
*734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 21 [а]*